**Ба шурои диссертатсионии 6D. КОА - 069 –и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (734003, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121)**

# ТАҚРИЗИ

**муқаррризи расмӣ ба диссертатсияи Забирова Меҳринисо Элбеговна дар мавзуи «Тасвири “боди сабо” дар ғазали асри XIV» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ**

Кори диссертатсионии Забирова Меҳринисо Элбеговна дар мавзуи «Тасвири “боди сабо” дар ғазали асри XIV», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология пешниҳод шудааст, бо шиносномаи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ мутобиқат менамояд.

Мавзуи интихобгардидаи диссертатсияи мазкур ба назари инҷониб аз якчанд ҷиҳат актуалию муҳим мебошад, пеш аз ҳама, ҳарчанд ки то имрӯз роҷеъ ба пайдоиш ва ташаккулу такомули ғазал дар адабиётшиносии Аврупо, Русия, Эрон, Афғонистон ва Тоҷикистон таҳқиқоти густардаву судманде сурат гирифта бошад ҳам, вале таҳқиқи монографии тасвири “боди сабо” дар ғазалиёти шоирони асри XIV, заминаҳои пайдоишу ташаккули ин тасвир ва муайян намудани арзиши адабию эстетикӣ ва маърифатию ҳунарии он бори нахуст дар диссертатсияи М.Э. Забирова сурат гирифтааст.

Дуюм, мафҳуми “боди сабо” бори аввал дар адабиётшиносии тоҷик бо истифода аз луғату фарҳангҳо ва шарҳҳову рисолаҳои таҳқиқотии гузаштаву муосир баррасӣ гардида, сайри таърихии тасвири он аз ибтидоии адабиёти форсӣ-тоҷикӣ то асри XIV мушаххас шуда, тасвири “боди сабо” дар ғазалиёти шоирони асри XIV мавриди таҳқиқи монографӣ қарор гирифтааст.

Диссертант дуруст зикр менамояд, ки дар адабиёти беш аз ҳазорсолаи форсӣ-тоҷикӣ тасвири табиат мақоми хос дорад, зеро мавзуи тасвири инсони эҷодкор, алалхусус шоир, пеш аз ҳама, табиат аст ва шоир вобаста ба эҳсосу қудрати зебоишиносиаш ашёву ҳодисаҳои табиатро дар кураи тахайюлоташ акс намуда, онро бо сурати зеботару хубтар ба тасвир меоварад. Воқеан, "боди сабо", ки бо номҳои бод, насим, насими саҳар, насими бомдод, боди бомдодӣ ва ғайра ёд мешавад, яке аз тасвирҳои хеле маъмул дар адабиёти форсӣ-тоҷикист, ки аз ибтидои адабиёти оламшумули мо то ба имрӯз ҳамвора мавриди таваҷҷуҳ ва тасвири шоирон қарор гирифтааст.Бино ба қавли назарияшиносон, яке аз унсурҳои асосии каломи бадеъ образ, имож ё худ тасвир ҷавҳари зотии шеър ба шумор меравад ва таҳқиқи образҳои бадеию тасвирҳои шоирона дар шинохти ҳунари адиб ва завқу салиқаи зебошиносии ӯ нақши муҳим доранд.

Диссертатсияи Забирова Меҳринисо Элбеговна аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, се боб, зербобҳо, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия иборат мебошад.

Муаллиф дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқ ва дараҷаи таҳқиқи мавзуъро асоснок намудааст. Дар бахши тавсифи умумии таҳқиқот мақсади таҳқиқ, вазифаҳои таҳқиқ, объект ва сарчашмаҳои таҳқиқ, предмети таҳқиқ, асосҳои назарии таҳқиқ, асосҳои методологии таҳқиқ, навгониҳои илмии таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва ғайра ифода ёфтаанд.

Дар боби аввали диссертатсия Забирова М.Э. сайри таърихии тасвири "боди сабо"-ро дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ мавриди таҳқиқ қарор дода, бо истифода аз далелҳои муътамад собит намудааст, ки тасвир (имож) истилоҳи аз ҳама роиҷи нақди адабӣ буда, аз дер боз дар илми балоғат корбурд дошта, "дар давраи шукуфоии нақди ҷадид дар адабиёти Ғарб маҳбубияти бисёр ёфтааст"(Диссертатсия, саҳ.,10). Ҳамчунин, дар ин қисмат бо истифода аз фарҳангу луғатҳо ва асарҳои

таҳқиқотӣ маънои луғавӣ ва рамзии мафҳуми “боди сабо”-ро шарҳу тавзеҳ ёфта, ки қобили таваҷҷуҳанд: “Сабо – боде, ки аз тарафи Шарқ мевазад, шамоли форам, насими салқин”; “Сабо – боди барин, боде, ки аз самти Машриқ мевазад, муқобили дабур”, “Сабо насими мулоим ва хунуке, ки дар бархе навоҳӣ аз тарафи шимоли Шарқ мевазад, муқобили дабур” ва амсоли ин омада, бо мисолҳо исбот гардидааст. Дар зербоби дуюм боди саборо ба сифати маърифат ва воситаи тасвири бадеӣ мавриди таҳқиқ қарор дода, ба хулосаи дурусти илмӣ омада, ки “боди сабо” дар тасвири шоирони асрҳои XI-XIII ҳам ба маънии луғавӣ ва ҳам ба маънии рамзии ирфонӣ ба кор рафтааст ва байни маънии луғавии “боди сабо” ва маънии рамзии ирфонӣ он қадар фарқи куллӣ нест, зеро маънии рамзии ирфонии “боди сабо” аз маънии луғавии он бархостааст(Диссертатсия, с.55).

Боби дуюми рисола ба тасвири “боди сабо” дар ғазали асри XIV бахшида шуда, дар он масоили марбут ба “боди сабо” ҳамчун мабдаи тасвир, тасвири сабо ба сифати унсури табиат, мушаххасоти “боди сабо”, сабо – воситаи тасвир, сабои орифона, нақш ва вазифаҳои сабои орифона ва амсоли ин пажӯҳиш намуда, мушоҳида кардааст, ки ба таври куллӣ дар ғазали асри XIV “боди сабо” ба ду тарз тасвир ёфтааст: сабо ба сифати мабдаи тасвир ва сабо ба ҳайси воситаи тасвир. Муаллиф фикри худро бо овардани абёт ҳамчун мисол ва таҳлили онҳо аз ғазалҳои Ҳофизи Шерозӣ, Хоҷуи Кирмонӣ, Салмони Совачӣ, Носири Бухороӣ, Камоли Ҳуҷандӣ, Ибни Ямин, Авҳадии Мароғаӣ ва дигарон, ки ҳам шоирони ориф ва ҳам орифони шоир буда, дар асри XIV зиндагӣ ва эҷод кардаанд, собит намудааст.

Дар боби сеюм унвонҷӯ хусусиятҳои бадеии “боди сабо”-ро дар тасвирҳои шоиронаи ғазали асри XIV таҳқиқ намуда, мавқеи корбурди санъатҳои лафзӣ ва маънавиро дар тасвири шоирона муайян намуда, ба натиҷаҳои илмӣ расидааст. Аз ҷумла қайд мекунад, ки ашъори шоирони адабиёти классикии форсӣ-тоҷикӣ, алалхусус ғазали шоирони асри XIV, дорои маъниҳои олию пешқадам буда, ин

маънихои олӣ ва андешаҳои тозаю нав хеле зебову дилкаш ифода гардида, бо либоси бадеият ороиш ёфта, дар ғазалиёти шоирони мавриди таҳқиқ маъниҳои олӣ, ғояҳои баланди инсондӯстона ва маъниҳои латифу нозук дар шакли зебову дилнишин бо воситаи калимаоту таркиботи суфтаву ороста, бо корбурди санъатҳои бадеӣ ифода ёфтаанд. Қобили зикр аст, ки бардошту натиҷагирӣ ва андешаҳои М.Э. Забирова зимни таҳлили абёти шоирон ва муқоисаи ҳунари шоирии онҳо дар тасвири боди сабо, таъйини маъно ва нақшу вазифаҳои сабои табиӣ ва сабои орифона хеле ҷолиб буда, пояи илмӣ доранд ва огоҳии комили диссертантро аз мавзуи таҳқиқшаванда собит мекунанд.

Хулосаҳои муаллиф дар ҳаждаҳ банд ба таври фишурдаву ихчам ифода ёфтаанд, ки илмиву мантиқӣ буда, натиҷагирии таҳқиқи мавзуи интихобшуда мебошад.

Навгониҳои илмии таҳқиқот дар гузориши масъала зоҳир гардида, бори аввал ба таври монографӣ таҳқиқ гардидани мавзуи мазкурро ифода намудааст. Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти мазкур таҳқиқи ҳамаҷонибаи тасвири “боди сабо” дар ғазали асри XIV адабиёти форсӣ-тоҷикӣ мебошад, ки диссертант ба мақсади худ расидааст.

Натиҷаҳои амалии таҳқиқотро метавон дар омӯзиш ва таҳқиқи поэтикаи ашъори шоирон, алалхусус вижагиҳои тасвирҳои шоирона дар ғазал, диди зебоишиносии суханварон, омӯзиш ва таҳқиқи таҳаввули ғазал дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ, таъйини нақши вожаҳои калидӣ, аз ҷумла “боди сабо”, омӯзиш ва таҳқиқи образҳои бадеӣ дар ғазали шоирони асри XIV, аз ҷумла Хоҷуи Кирмонӣ, Салмони Соваҷӣ, Убайди Зоконӣ, Носири Бухорой, Авҳадии Мароғаӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ ва дигарон, нақди адабӣ, сабкшиносӣ, балоғати сухан ва амсоли ин мавриди истифода қарор дод.

Рӯйхати адабиёт шомили 217 адад буда, аз сарчашмаҳо, монография ва дигар асару мақолаҳои татқиқотӣ, китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ, фарҳангҳо, диссертатсияҳо ва авторефератҳо,

мақолаҳо ва маърузаҳо иборат мебоашд. Муҳтавои асосии таҳқиқот дар 7 мақола инъикос ёфтааст, ки аз он 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидааст.

Муҳокимаю таҳлил ва хулосабарориҳои унвонҷӯ дар сатҳи баланди илмӣ буда, огоҳии комилии ӯро аз мавзуи мавриди таҳқиқ нишон медиҳанд. Хулоса ва бардошту натиҷагириҳои унвонҷӯ илмӣ буда, ба талабот оид ба барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст

Бо вуҷуди дастовардҳои илмии муаллифи диссертатсия дар таҳқиқоти ӯ баъзе иштибоҳоту лағзишҳое роҳ ёфтаанд, ки ба назари эътибор гирифтани онҳо боиси боз ҳам беҳтар гардидани сифат ва муҳтавои диссертатсия хоҳад буд.

1. Дар банди дараҷаи таҳқиқи мавзуъ номи муҳаққиқон ва осори онҳо омехта оварда шуда, вобаста ба кишвар риоя нагардидааст. Хуб мешавад агар бо тартиб муҳаққиқони аврупоӣ, рус, эронӣ, тоҷик бо осорашон оварда шавад.

2. Дар баъзе ҳолатҳо такрори фикр ва иқтибосот ба назар мерасад (масалан саҳифаҳои 14-15 ва 38-39).

3. Дар баъзе ҷойҳои рисола ғалатҳои услубӣ (саҳ. 57, 63, 72) низ ҷой доранд, ки бартараф намудани онҳо муҷиби беҳтар гардидани шеваи нигориши илмии муаллиф хоҳад гардид.

4. Ғалатҳои имлоӣ, ба монанди бе фарқ гузоштани тире ва дефис, риоя нагардидани фосилаи байни калимаҳо дар рӯйхати адабиёт, бидуни зарурат гузоштани аломатҳои китобат ба назар мерасанд, ки минбаъд ба назар гирифтани онҳо ба манфиати кор аст.

Бояд гуфт, ки камбудиҳои зикршуда хусусияти ҷузъӣ дошта, ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияи Забирова Меҳринисо Элбеговнаро коста гардонида наметавонад. Муаллифи рисола вазифаву

ҳадафҳои илмии дар назди худ гузоштаашро ҳал намудааст ва рисолаи ӯ таҳқиқоти муҳим андар шинохти тасвири “боди сабо” дар адабиётшиносии тоҷик ҳисоб меёбад.

Бо назардошти мулоҳизаҳои мазкур метавон гуфт, ки диссертатсияи Забирова Меҳринисо Элбеговна дар мавзуи «Тасвири “боди сабо” дар ғазали асри XIV» ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
номзади илми филология, мудири
кафедраи филологияи Осиёи Шарқӣ ва Ҷанубии
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии
Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Турсунов Ғ.А.

“Имзои Ғ.А.Турсуновро тасдиқ мекунам”:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии
Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Юсупова Б.Ғ.

**Нишонӣ:** 734019, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев 17/6.

“27” марти соли 2023